# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Баҳрулло Хол ба таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи худкушӣ байни наврасону навҷавонон, ки дар замони муосир бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад, бахшида шудааст. Давраи наврасӣ ва навҷавонӣ хело давраи ҳассос дар фарқият аз дигар синну солҳо ба ҳисоб рафта, ба эътидол овардани наврасону навҷавонони аз афтодарӯҳи азияткашанда корест талабкунандаи тадқиқотҳои баланди илмию амалӣ.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ доир ба масъалаи рӯ овардани наврасону навҷавонон ба ин ҳодисаи номатлуб аз умқи таърих то ба донишҳои замони муосир сарчашмагузорӣ намудааст. Гуфтаҳои мазкур далолаткунандаи он мебошанд, ки ҳодисаи номатлуби иҷтимо-психологӣ байни наврасону навҷавонон бисёр ҷанба буда, паҳлуҳои гуногуни он низ дар кори муаллиф инъикос гардидаанд.

Аз ҷиҳати психологӣ таҳлил намудани амали худкушии инсонҳо, хусусан дар синну соли наврасӣ ва навҷавонӣ, яке аз масъалаҳои афзалиятноки илми психология ба шумор меравад. Дар робита бо ин, метавон ишора намуд, ки диссертант Саидзода Баҳрулло Хол ҷанбаҳои ҳолати худкуширо ошкор карда, онро вориди майдони илм сохта, ба мутахассисони соҳа барои ворид шудан ба паҳлуҳои дигари амали худкушӣ ва коҳиш додани худкушиҳо дар ҷомеа саҳмгузор бошанд. Зеро наврасону навҷавонон дар ҷомеа, қишри муҳиму осебпазир маҳсуб меёбанд.

Унвонҷӯ Саидзода Баҳрулло Хол, назарияҳо ва роҳёфтҳои асосии илмӣ доир ба сабабу омилҳои рӯ овардани наврасону навҷавонон мавриди таҳлили психологӣ қарор дода, ҷанбаҳои ҳассоси он доир ба пешгирии амалҳои номатлуби иҷтимоӣ, амсоли худкушии наврасону навҷавонон ишора гардидааст. Як

масъалаи муҳими дигар он аст, ки муаллиф бо наврасону навҷавонони дорои кӯшиши худкушӣ ва ё фикрҳои худкушидошта бо истифода аз тестҳои психологӣ ҳолати онҳоро муайян карда, бо онҳо машварати психологӣ гузаронидаасту, вобаста ба хусусиятҳои фардӣ-психологиашон роҳёфтҳои махсуси психологиро барои пешгирии амалҳои худкушӣ дар амалия истифода кардааст.

Дар робита ба ин, мебояд зикр кард, ки дар кори мазкур яке аз масъалаи муҳими дигар, ки то ба замони имрӯза яке аз "камбудии ҷойдоштаи психологияи амалӣ, ки то ба ҳол ҳал нагардидааст", мутобиқ гардонидани тестҳои психологӣ мебошад.

Диссертант Саидзода Баҳрулло Ход дар кори худ тестҳои психологие, ки ба воситаи онҳо метавон ҳолати афтодарӯҳии психологии наврасону навҷавононро ташхис намуд, дараҷаи валиднокӣ ва эътимоднокии тестҳои мазкурро мавриди санҷиш қарор дода, бо анъанаҳо ва урфу одатҳои миллии тоҷикон мутобиқ гардонидааст.

Дар баробари дастовардаҳои назарраси илмӣ дар автореферат инчунин баъзе хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки иштибоҳи номбурда ҷузъӣ буда, дараҷаи илмии диссертатсияро коста намегардонад.

Автореферати Саидзода Баҳрулло Хол ба талабот ҷавобгӯ буда, мазмуну мухтавои он ҷанбаҳои асосии мухтасари бобҳо ва зербобҳои рисолаи таҳқиқотиро инъикос мекунад. Дар робита ба ин, метавон бо боварии комил хулоса намуд, ки диссертант Саидзода Баҳрулло Хол ба ҳадафи илмии хеш расидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло ишорашуда, таҳқиқоти Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология, ҳамчун таҳқиқоти ба анҷомрасида арзёбӣ менамоем, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 дар бораи «Тартиби додани унвон ва дараҷаи

илмӣ (дотсент, профессор)» ҷавобгӯ буда, таҳқиқотчӣ Саидзода Баҳрулло Хол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология арзанда аст.

**Муқарриз: д.и.п., профессор, мудири кафедраи забонҳои хориҷии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино** **Юлдошев У.Р.**

**Имзои д.и.п., дпрофессор У.Р. Юлдошевро тасдиқ менамоям**
**Сардори раёсати рушди кадрҳои ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино** **Абдуллоев С.М.**

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Рӯдакӣ 139
Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино
**Телефон:** 985 29 64 78 (моб.)